**МУОВИНИ САРВАЗИРИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ПРЕМЬЕР - МИНИСТРА**
**РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН**

*Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода ва Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Озода Эмомалӣ шинос карда шаванд.*

Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Вазорати адлия, Вазорати маориф ва илм, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, Вазорати молия, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Кумитаи кор бо занон ва оила, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Кумитаи телевизион ва радио, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим

Тибқи тартиби муқарраргардида
барои корбарӣ

*Ба Давлатзода З.Д.*

**Мансурӣ Дилрабо**

№4/25-27

«19» июни 2025

«Тасдиқ менамоям»
Муовини Сарвазири
Ҷумҳурии Тоҷикистон
__________ Мансури Д.С.
_19_ июни соли 2025

Протоколи №4/25-27

ҷаласаи Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ мубориза бар зидди бемориҳои пайдошудаи норасоии масуният, сил ва вараҷа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (КМҲ)

10 июни соли 2025 ш. Душанбе

Раисӣ кард:

Мансурӣ Д.С. – муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ

Иштирок намуданд:

Давлатзода З. - сардори раёсати рушди иҷтимоии Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Амирзода А.-муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Норзода Ш.-муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, Каримзода Р.А.-муовини вазири маориф ва илм, Зубайдзода Ф.-муовини сардори сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия, Соҳибзода Х.-сафир оид ба супоришҳои махсуси Вазорати корҳои хориҷӣ, Бахромзода П.-муовини вазири молия, Абдулҳафиззода Ҳ.-сардори раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Набизода М.-муовини якуми раиси Кумитаи кор бо занон ва оила, Раҳимзода Ш.-муовини якуми раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиш, Рустамзода Д.-муовини раиси Кумитаи телевизион ва радио, Давлатзода С. - муовини раиси Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросим, Лазима Онта Бхатта-и.в. намояндаи доимии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Наҷмиддинзода Н.-муовини сардори раёсати тиббии Вазорати корҳои дохилӣ, Файзуллозода Ф.-сардори раёсати рушди соҳаҳои иҷтимоии Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Сафаров А.-корманди дафтари Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳайдарова Т.-роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Шабакаи Тоҷикистонии занони мубталои ВНМО», Худойбердиев А.-корманди Эътилофи «Ҳамкории боздошти сил дар Тоҷикистон», Саидова Н.–роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Гендер ва тараққиёт», Ҷамолов П. – роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Спин Плюс».

Иштирок надоштанд:

Олшавский Виктор - роҳбари дафтари Созмони умумиҷаҳонии тандурустӣ дар Тоҷикистон (сафари хизматӣ), Питер Райли - роҳбари миссияи ЮСАИД дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо сабаби қатъ гардидани фаъолияти ташкилоти мазкур), Наимов Сафаралӣ – роҳбари эътилофи «Ҳамкории боздошти сил дар Тоҷикистон» (бо сабаби вазъи оилавӣ), Файзов Насим - роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Свон Плюс» (бо сабаби беморӣ)

Даъватшудагон:

Солиев А. – муовини директори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бар зидди ВНМО»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Маҳмадов А. – муовини директори муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил»-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Исмоилова Ҷ. - роҳбари гурӯҳи Агентии маҳаллии Хазинаи глобалӣ дар Тоҷикистон, Низков С. - роҳбари Лоиҳаи Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон оид ба бемориҳои ВНМО ва сил

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Оид ба чараёни татбиқи Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти одам ва бемории пайдошудаи норасоии масуният дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025
2. Оид ба чараёни татбиқи Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025
3. Оид ба огоҳонидани аъзои Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ (КМҲ) дар бораи маҳдудиятҳои маблағгузории Хазинаи глобалӣ вобаста ба амалишавии гранти Хазинаи глобалӣ «Бархамдиҳии эпидемияи ВНМО ва сил тавассути чораҳои илмию асоснокшуда ва усулҳои инноватсионӣ бо таваҷҷӯҳ ба аҳолии калидӣ ва осебпазир».

Муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилрабо Мансурӣ ҷаласаро оғоз намуда, лоиҳаи рӯзномаи ҷаласаро ба аъзои КМҲ эълон намуд, ки он аз ҷониби аъзои КМҲ якдилона ҷонибдорӣ гардид.

Оид ба **масъалаи якуми** рӯзномаи ҷаласа ҳисоботи муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Норзода Ш. оид ба чараёни амалишавии «Барномаи миллӣ оид ба муқовимат ба эпидемияи вируси норасоии масунияти инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025» аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон шунида шуд. Аз ҷониби сохторҳои Вазорат чорабиниҳои иттилоотиву фаҳмондадиҳӣ оид ба пешгирии ВНМО дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ дар шаҳрҳо ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ, фурудгоҳҳои байналмилалӣ ва истгоҳҳои роҳи оҳан, муассисаҳои таълимӣ ва дар ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ бо роҳи ташкили вохӯрию сӯҳбатҳо бо ин гурӯҳҳои шаҳрвандон гузаронида шуданд. Дар маҷмӯъ, дар соли 2024 ва се моҳи соли равон 3713 вохӯрию сӯҳбатҳо бо иштироки 483683 шаҳрванди кишвар баргузор гардид, ки



дар онҳо муҳоҷирони меҳнатӣ, дар баробари дигар масъалаҳои самти муҳоҷират, оид ба роҳҳои пешгирии бемориҳои сироятӣ, аз ҷумла вируси норасоии масунияти одам (ВНМО) корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуд. Илова бар ин, тавассути марказҳои машваратӣ ва омодагии пеш аз сафари муҳоҷирони меҳнатии Хадамоти муҳоҷират дар шаҳрҳои Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд ва Бохтар пеш аз сафар бо ҳар як муҳоҷири меҳнатӣ сӯҳбат ва корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба пешгирии сирояти ВНМО ба таври инфиродӣ гузаронида шуданд. Дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо ВНМО миёни муҳоҷирони меҳнатӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ ва иттилоотӣ доир ба гузаронидани ташхиси тиббӣ барои пешгирии сирояти ВНМО гузаронида шуда, семинарҳо, конференсияҳо, вохӯриҳо, мизҳои мудаввар ва дигар ҷаласаҳои муштарак оид ба муҳоҷирати меҳнатӣ ва пешгирӣ аз ВНМО баргузор гардида, муҳоҷирони меҳнатиро пеш аз сафар ва баъд аз бозгашт ба ин марказҳои пешгирӣ ва мубориза бо ВНМО равона месозанд. Ҳамаи муҳоҷирони меҳнатие, ки тавассути муассисаи давлатии Агентии бокортаъминкунӣ дар хориҷи кишвар барои кор ба хориҷа равона мешаванд, пеш аз сафар дар Маркази ҷумҳуриявии пешгирӣ ва мубориза бо ВНМО аз ташхиси тиббӣ мегузаранд (дар чор моҳи соли ҷорӣ 4733 нафар). Ҷиҳати додани иҷозатномаи кор ба шаҳрвандони хориҷӣ, ки барои фаъолияти меҳнатӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар карда мешаванд, дар баробари дигар ҳуҷҷатҳо пешниҳоди маълумотнома оид ба гузаштани ташхиси тиббӣ барои муайян кардани ВНМО ба таври ҳатмӣ мебошад. Аз ҷониби Намояндагии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Русия дар ҳамкорӣ бо роҳбарон ва намояндагони фаъоли диаспораҳо, марказҳо ва ташкилотҳои ҷамъиятии тоҷикон корҳои фаҳмондадиҳӣ, вохӯрию сӯҳбатҳо миёни муҳоҷирони меҳнатӣ - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба масъалаҳои пешгирии сирояти бемориҳои хатарнок, аз ҷумла ВНМО дар давраи зист ва фаъолияти меҳнатӣ дар ҳудуди Федератсияи Русия гузаронида шуданд. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иттилоотии кормандон ва хонандагони муассисаҳои соҳаи таҳсилоти касбии ибтидоӣ ва марказҳои омӯзиши калонсолон, мутахассисони соҳаи тандурустӣ дарсҳои омӯзишӣ оид ба пешгирӣ ва мубориза бо ВНМО баргузор намуданд. Дар сомонаҳои расмии Вазорат (www.mehnat.tj, www.migration.tj, diaspora.tj) дар нашрияи «Шуғл ва муҳоҷират» мунтазам маводи иттилоотӣ оид ба масъалаҳои пешгирии сирояти ВНМО нашр карда мешавад.

Илова гардид, ки дар самти пешгирӣ ва табобати бемориҳои ВНМО байни муҳоҷирони меҳнатӣ, айни замон як қатор мушкилот ҷой доранд. Яке аз мушкилоте, ки муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия дучор мегарданд, ин ихроҷ гардидани муҳоҷирон аз Федератсияи Россия бинобар сабаби ошкор гардидани ҳолати сироятёбии онҳо аз ВНМО пас аз гузаштан аз ташхис мебошад.

Муҳоҷирони меҳнатӣ намедонанд, ки табобати беморони ВНМО дар Тоҷикистон ройгон мебошад, сатҳи иттилоотнокии муҳоҷирони меҳнатӣ оид ба пешгирии сироятёбии ВНМО ва табобати он паст мебошад.

Барои ҳалли мушкилиҳои ҷойдошта пешниҳод шуд, ки ҷиҳати ҳарчи зудтар бастани Созишномаи ҳамкорӣ байни мақомотҳои дахлдори Федератсияи Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба гузаштан аз муоинаи ҳатмии тиббӣ дар ҳудуди Тоҷикистон чораҳо андешида шуда, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор бо мақсади пешгирии паҳн гардидани сирояти ВНМО механизми ҳатмии гузаштан аз муоинаи тиббӣ баъди бозгашт аз хориҷи кишварро омода намоянд. Ҳамчунин пешниҳод шуд, ки гузаронидани ташхиси тиббии муҳоҷирони хориҷӣ дар Хадамоти муҳоҷират ба роҳ монда шавад.

Дар робита ба **масъалаи якуми** рӯзнома ҳисоботи роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Шабакаи тоҷикистонии занони мубталои ВНМО» Ҳайдарова Тахмина шунида шуд. Номбурда қайд намуд, ки ташкилот дар амалисозии як қатор лоиҳаҳо дар самти пешгирӣ, табобат, дастгирӣ ва ҳифзи ҳуқуқи занон, кӯдакон ва наврасони бо ВНМО зиндагикунанда, ки аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ маблағгузорӣ гардиданд, иштирок намуда, ҳар сол ба зиёда аз 2500 нафаре, ки бо ВНМО зиндагӣ мекунанд, кумак расонида мешавад. Инчунин, оид ба натиҷаҳои амалишавии ду лоиҳа - «Тинерджайзер» ва «Тақвияти фасилитаторҳо ва таҳкими ҳамкориҳои клиникӣ байни Олмон ва Тоҷикистон» маълумот дод.

Аз рӯи **масъалаи дуюми** рӯзнома муовини раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустамзода Дилафрӯз дар бораи ҷараёни татбиқи Барномаи миллии ҳимояи аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз ҷониби Кумитаи телевизион ва радио маълумот пешниҳод намуд.

Қайд намуд, ки ҷиҳати иҷрои Барномаи миллии зикргардида аз ҷониби шабакаҳои телевизионии Телевизиони Тоҷикистон, Ҷаҳоннамо, Телевизиони кӯдакону наврасон – «Баҳористон» ва Радиои Тоҷикистон бо иштироки табибон ва мутахассисони соҳа як қатор гузоришҳо, сӯҳбату вохӯриҳо ва маҳфилҳои адабӣ-фарҳангӣ дар мавзӯи пешгирӣ ва табобати бемории сил ташкил ва пахш карда шуданд.

Кормандони Кумитаи телевизион ва радио дар масъалаҳои иҷтимоӣ ва тандурустӣ ҳамеша бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ менамоянд. Кумита барои дар оянда низ доир ба мавзӯи мазкур тавассути шабакаҳои давлатии телевизион ва радио таҳия ва пахш намудани барномаву гузоришҳо омода мебошад.

Инчунин, оид ба **масъалаи дуюми рӯзнома** ҳисоботи роҳбари ташкилоти ҷамъиятии «Гендер ва тараққиёт» Саидова Наргис шунида шуд. Номбурда қайд намуд, ки дар давоми беш аз бист сол ташкилот дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои давлатӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва



созмонҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ лоиҳаҳоро дар самти тандурустӣ, аз ҷумла пешгирии ВНМО ва сил, ташаккули тарзи ҳаёти солим, ҷалби ҷомеаҳо ва расонидани кумаки иҷтимоию ҳуқуқӣ амалӣ менамояд. Дар доираи татбиқи Барномаи миллии зикргардида то соли 2023 зиёда аз 3500 нафар аз гурӯҳҳои асосӣ ва осебпазир ба хизматрасонӣ фаро гирифта шуда, 780 нафар барои гузаштан аз ташхиси сил фиристода шуданд, 215 нафар ба табобати сил фаро гирифта шуданд ва ба 92 нафар беморони шакли васеи мутобиқгаштаи сил ёрии мунтазами психологию иҷтимоӣ расонида шуд.

Оид ба **масъалаи сеюми** рӯзнома ахбори роҳбари лоиҳаи Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон оид ба бемориҳои ВНМО ва сил Низков С. шунида шуд. Мавсуф қайд намуд, ки Хазинаи Глобалӣ дар мактуби худ аз 24-уми апрели соли 2025 вазъи номуайянии маблағгузории минбаъдаи гранти Хазинаи глобалиро оид ба бемориҳои ВНМО/БПНМ ва сил дар давраи солҳои 2025-2026 иброз намудааст. Аз ин лиҳоз, ба мо зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи миллӣ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, зерсохторҳои он ва шарикони рушд самтҳои афзалиятноки лоиҳаи номбурдаро муайян намуда, бо Хазинаи глобалӣ мувофиқа созем.

Лазима Онта-Бхатта - қайд намуд, ки маблағгузории Хазинаи глобалӣ барои солҳои 2027-2029 номуайян буда, давраи пешниҳоди дархост ҷиҳати дарёфти грантҳои навбатӣ дар самти бемориҳои ВНМО ва сил эҳтимол моҳҳои январ-феврали соли 2026 эълон гардад. Инчунин таъкид намуд, ки бинобар сабаби маҳдудиятҳои маблағгузории Барномаи Рушди СММ дар Тоҷикистон эҳтимол соли 2026 маблағҳои мақсаднок ҷиҳати амалисозии барномаҳои миллӣ низ ҷудо нагарданд.

Аз натиҷаи баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ **қ а р о р  к а р д:**

1. Ҳисоботи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта шавад.

1.1. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ:

- корҳои ташвиқотию тарғиботиро оид ба пешгирии сирояти ВНМО дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ ҳам дар дохил ва ҳам берун аз ҷумҳурӣ, алалхусус, байни ҷавонон дар якҷоягӣ бо сохторҳои дахлдор пурзӯр намуда, то санаи 1-уми сентябр гузориши муфассал пешниҳод намояд;
- ҷиҳати дар назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ таъсис додани гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба омӯзиши масъалаҳои пешгирии сироятёбии ВНМО дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ тадбирҳои зарурӣ андешад;
- ҳамкориҳоро бо сохторҳои Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар маҳалҳо дар самти пешгирии ВНМО пурзӯр намуда, заминаи меъёрию ҳуқуқии гузаштани муҳоҷирон аз муоинаи ҳатмии ВНМО-ро омӯхта, таклифҳо пешниҳод намояд.

2. Ҳисоботи Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи татбиқи Барномаи миллии ҳимояи

аҳолӣ аз бемории сил дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» ба инобат гирифта шавад.

2.1. Кумитаи телевизион ва радио ҷиҳати баланд бардоштани иттилоотонии аҳолӣ вобаста ба ташхис, дарёфт, табобат ва пешгирии бемории сил дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳо ва ташкилотҳои дахлдор барои таҳия ва зиёд кардани пахши барномаю видеороликҳои оммафаҳм ва ройгон тавассути шабакаҳои телевизионӣ ва радио тадбирҳои зарурӣ роҳандозӣ намояд.

2.2. Ҳангоми таҳияи маводҳои иттилоотӣ, наворҳо ва барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ муттахассисони соҳавӣ ҷалб гардида, бо мисолҳои возеҳ оқибатҳои сироятёбӣ ба бемории сил фаҳмонда шавад.

3. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ фаъолияти Донишкадаи таҳсилоти баъдидипломии кормандони соҳаи тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавиро дар самти баланд бардоштани донишу малакаи мутахассисон ҷиҳати пешгирии ВНМО тақвият бахшад.

4. Масъулони Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ҳамкорӣ бо имомхатибон ва ходимони динӣ ҷиҳати бештар гузаронидани чорабиниҳои иттилоотию маърифатӣ чораҳо андешанд.

Котиби масъули
Кумитаи миллии ҳамоҳангсозӣ Авгонов З.Т.